Системаи Минтақавии Мониторинг ва Огоҳкунии Қаблӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

Одамони комилҳуқуқ.
Кишварҳои босубот.

Ҳисоботи моҳи декабри соли 2015



Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (1:1 000 000)



ШАРҲИ УМУМӢ

ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

Мувофиқи маълумотҳои Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят моҳи декабри соли 2015 ҳолатҳои фавқулоддаи вазиши шамоли сахт, яку якбора паст шудани ҳарорати ҳаво, боридани борон, барф, тирагӣ (туман) ва садамаҳои нақлиёти ҳангоми риоя накардани қоидаҳои ронандагӣ аз эҳтимол дур нест.

МАЪЛУМОТИ БОДУ ҲАВО

Тибқи маълумотҳои Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, моҳи декабри соли 2015 дар миқёси вилоят ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво аз меъёри иқлимӣ 1,2 дараҷа зиёд шуда, дар водиҳо 4-8 дараҷа гарм ва дар ноҳияҳои доманакӯҳҳои Хуросон, Ҷиликул, Н. Хусрав, Норак, Шӯрообод, Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон ба 1-3 дараҷа гарм рост меояд. Дар даҳрӯзаи якӯм ва дуюми моҳ ҳарорати ҳаво дар водиҳо ба 12-17 дараҷа гарм мешавад. Дар рӯзҳои алоҳида ҳарорати ҳаво тафсон шуда аз 15-20 дараҷа гарм дар назар дошта шудааст. Миқдори боришоти моҳона дар ҳади меъёр, дар баъзе маҳалҳо аз меъёр паст (меъёр дар водиҳо 18-66мм ва дар доманакуҳҳо бошад 77-92мм) дар назар дошта шуда, дар рӯзҳои алоҳида эҳтимолияти шиддатёбии суръати шамол аз самти ғарб то 17-22 метр дар як сония ва фаромадани туман аз эҳтимол дур нест.

АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Мувофиқи маълумотҳои шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар моҳи декабри соли 2015 дар назар аст, ки аз ҳисоби нерӯгоҳҳои барқии обии дар ҳудуди вилоят буда, зиёда аз 1200 миллион киловатт/соат нерӯи барқ истеҳсол мегардад, ки 750 миллион киловатт/соати он аз ҳисоби НБО-и “Норак” истеҳсол карда хоҳад шуд. Бояд қайд намуд, ки ҳамасола дар фасли зимистон бо сабаби сардии ҳаво сатҳи об дар обанбори НБО “Норак” кам мешавад. Новобаста аз ин масъулинро зарур меояд, ки аҳолиро бо барқ таъмин намудан ҳаҷми истеҳсоли неруи барқро зиёд намояд.

АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар моҳи ноябри соли 2015 нархи 1 халта (50кг) орди гандумии навъи якуми истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 165 сомонӣ арзиш дошт, дар назар аст, ки моҳи декабри соли 2015 бе тағйир мемонад. Картошкаи барвақтии истеҳсоли ватанӣ дар моҳи ноябри соли 2015 аз 1,60 то 1,80 сомониро ташкил дод. Бинобар сабаби ҷамоварии картошкаи истеҳсоли ватани дар ноҳияҳои куҳистони тобеи ҷумҳурӣ эҳтимолияти таъғйир наёфтани нархи картошка то охири моҳ дар назар аст. Айни ҳол нархи 1 халта (50кг) биринҷи истеҳсоли ватани дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 300 то 375 сомонро ташкил медиҳад. Дар моҳи ноябри соли 2015 нархи бензин бетағйир монд ва нархи бензини тамғаи А 80 5,20 ташкил дод. Нархи сузишвории дизелӣ (солярка) нисбати моҳи гузашта 1,9 фоиз арзон шуда, 4,70 сомонӣ барои як литр ташкил медиҳад.

ТАНДУРУСТӢ

Қайд кардан бо маврид аст, ки паст фаромадани ҳарорати гармии ҳаво боридани барф, барфи тар, боронҳои пай дар пай дар фасли зимистон дар моҳи декабри соли ҷорӣ ба организми аҳолӣ, аз ҷумла кудакон таъсири худро мерасонад, инчунин авҷгирии бемориҳои шадиди роҳи нафас, тонзиллит, зуком, гулудард, табовар ва ғайра аз эҳтимол дур нест. Баҳри пешгирии ин бемориҳо зуд-зуд иваз намудани ҳавои синфхонаҳо дар мактабу боғчаҳо ташкил карда шавад, инчунин барои табобати бемориҳои шадиди роҳи нафас дар ҳамаи муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббии санитарии шаҳру ноҳияҳои вилоят, марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона фаъолият доранд, доруворӣ аз ҷониби Хазинаи Кудакони Созмони Миллали Мутаҳид (ЮНИСЕФ) тақсим мегардад.

МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Тибқи маълумотҳои Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар вилоят моҳи ноябри соли ҷорӣ 7742 нафар шаҳрвандони вилоят вориди қаламрави ҷумҳурӣ гардидаанд, аз он ҷумла мардҳо 7364 нафар, занҳо бошад 378 нафар ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 78,5 фоизро ташкил медиҳад ё ин ки 2089 нафар кам мебошад. Ба ин нигоҳ накарда муҳоҷирони меҳнатӣ мувофиқи маълумотҳо дар ин давра ба воситаҳои фурудгоҳҳои байналмиллалии шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа 2994 нафар шаҳрвандони вилоят аз ҷумҳурӣ баромадаанд, аз он ҷумла мардҳо 2680 нафар, занҳо бошад 314 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати соли гузашта 59,6 фоизро ташкил медиҳад ё ин ки 2027 нафар кам мебошад (аз шумораи умумӣ).

ИҚТИСОДИЁТ

Мувофиқи маълумотҳои Сарраёсати молияи вилоят дар 11 моҳи соли 2015 даромади бучети маҳаллӣ 11055647,6 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин 104 фоизи иҷроии нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад. Дар 11 моҳи соли 2015 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар моҳҳои январ-ноябри соли 2015 корхонаҳои саноатӣ ба маблағи 3878865,5 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 16,1 фоиз афзоиш ёфт. Аз аввали соли 2015 бошад нархҳои молҳои истеъмолӣ 105,8 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа 104,5 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа 108,9 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 104,9 фоизро ташкил дод. Дар ин давра гардиши савдои хориҷии вилоят 281,3 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2 фоиз ё 0,9 млн доллар зиёд мебошад. Дар 11 моҳи соли 2015 содироти мол 104,8 млн доллар ва воридоти мол 176,5 млн доллар ташкил дод. Бақияи (сальдо) гардиши савдои хориҷии вилоят -71,7 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Мундарича.

Шарҳи умумӣ……2

1. ХАВФИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ……4

1.1. Эҳтимолияти ҳолатҳои фавқулодда дар моҳи декабри соли 2015.……4

1.2. Ҳолатҳои фавқулоддаи руҳдода дар моҳи ноябри соли 2015.……4

2. ВАЗЪИ ОБУ ҲАВО……4

2.1. Пешгӯӣ барои моҳи декабри соли 2015.……4

2.2. Вазъи обу ҳаво дар моҳи ноябри соли 2015.……5

3. ЭНЕРГЕТИКА……5

3.1. Истеҳсоли қувваи барқ.……5

3.2. Истифодаи қувваи барқ.……6

3.3. Гази табиӣ ва моеъ.……6

3.4. Ангишт.……7

3.5. Сатҳи оби обанбор дар НБО «Норак»……7

4. АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ……7

4.1. Хисобот оиди амнияти озуқаворӣ.……7

4.2. Нархи орду гандум.……7

4.3. Нархи картошка.……8

4.4. Нархи сузишворӣ.……8

5. ТАНДУРУСТӢ……9

6. БОЛОРАВИИ ИҚТИСОДӢ…… 10

6.1. Болоравии умумӣ.……10

6.2. Муҳоҷирати меҳнатӣ.……12

6.3. Таъсиси ҷойҳои корӣ.……12

6.4. Мубодилаи асъор.……14

1. ХАВФИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ.

1.1. Эҳтимолияти ҳолатҳои фавқулодда дар моҳи декабри соли 2015.

Тибқи маълумотҳои Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят дар моҳи декабри соли 2015 эҳтимолияти ҳолатҳои фавқулоддаи вазиши шамоли сахт, яку якбора паст шудани ҳарорати ҳаво, боридани борон, барф, тирагӣ (туман) ва садамаҳои нақлиёти ҳангоми риоя накардани қоидаҳои ронандагӣ аз эҳтимол дур нест.

Маълумот оиди офатҳои табиӣ дар моҳи декабри солҳои 2011- 2014 дар миқёси вилояти Хатлон					
Сабаби Х.Ф.	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**Ҳамагӣ**
Шамол	-	-	-	-	-
Обхези	-	-	-	-	-
Борон	-	-	-	-	-
Заминҷунби	-	-	-	-	-
Ярч, лағҷиш, сангфаро	-	-	-	-	-
Сел	-	-	-	-	-
Тарма	-	-	-	-	-
Барф, хунуки	-	-	-	-	-
Ҳамагӣ	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**

1.2. Ҳолатҳои фавқулоддаи руҳдода дар моҳи ноябри соли 2015.

Мувофиқи маълумотҳои Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят моҳи ноябри соли 2015, **61** ҳодисаи фавқулоддаи дорои хусусиятҳои техногенӣ дошта ба қайд гирифта шудааст. Зарари умумӣ аз рӯи ин ҳодисаҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти вилоят расонидашуда **197180** сомониро ташкил дода, ки дар натиҷа **12** нафар ҳалок гардида, **32** нафар ҷароҳатҳои гуногун бардоштаанд, ки бештари ин ҳодисаҳо дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ рӯҳ додааст. Инчунин дар моҳи ноябр 1 нафар ғарқшавӣ бақайд гирифта шудааст.

Дар моҳи ноябри соли ҷорӣ ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои гуногундошта бақайд гирифта шуда, мувофиқи Марказӣ зилзиласанҷии шаҳри Душанбе рӯзи 22 ноябри соли ҷорӣ соати 23:16 дақиқа дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҷунби бақайд гирифта шуд. Маркази заминларза 327 км ҷанубу шарқ аз шаҳри Душанбе дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон буда, дар миқёси вилояти Хатлон аз рӯи ҷадвали Рихтер 2-3 баллро ташкил дод, ки ҳисорот ва талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта нашудааст.

2. ВАЗЪИ ОБУ ҲАВО.

2.1. Пешгӯӣ барои моҳи декабри соли 2015.

Мувофиқи маълумотҳои Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, моҳи декабри соли 2015 дар миқёси вилоят ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво аз меъёри иқлимӣ 1,2 дараҷа зиёд буда, дар водиҳо 4-8 дараҷа гарм ва дар ноҳияҳои доманакӯҳҳои Хуросон, Ҷиликул, Н. Хусрав, Норак, Шӯрообод, Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон ба 1-3 дараҷа гарм рост меояд. Дар даҳрӯзаи якӯм ва дуюми моҳ ҳарорати ҳаво дар водиҳо ба 12-17 дараҷа гарм, дар рӯзҳои алоҳида ҳарорати ҳаво тафсон шуда аз 15-20 дараҷа гарм, дар доманакуҳҳо

шабона 3-2 дараҷа, рӯзона 9-14 дараҷа гарм дар назар дошта шудааст. Дар даҳаи сеюми моҳ дар водиҳо ҳарорати ҳавои шабона 3-2 дараҷа, рӯзона 3-8 дараҷа гарми, дар доманакуҳҳои болозикргардида шабона 3-8 дараҷа хунук, рӯзона 1-6 дараҷа гарми дар назар дошта шудааст.

Миқдори боришоти моҳона дар ҳади меъёр, дар баъзе маҳалҳо аз меъёр паст (меъёр дар водиҳо 18-66мм ва дар доманакуҳҳо бошад 77-92мм) дар назар дошта шуда, дар рӯзҳои алоҳида эҳтимолияти шиддатёбии суръати шамол аз самти ғарб то 17-22 метр дар як сония ва фаромадани туман аз эҳтимол дур нест.

2.2. Вазъи обу ҳаво дар моҳи ноябри соли 2015.

Тибқи маълумотҳои Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар моҳи ноябри соли 2015 вазъи обу ҳаво дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳади меъёр буда нишондод чунин буд.

Вазъи обу ҳаво дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар моҳи ноябри соли 2015		
Шаҳру ноҳияҳои вилоят	**Ҳарорати ҳаво**	**Бориши борон**
Шаҳри Қӯрғонтеппа	ҳарорати баландтарини ҳаво 22,0 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 2,0 дараҷа гарм	63 мм
Ноҳияи Панҷ	ҳарорати баланди ҳаво 24,6 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 4,4 дараҷа гарм	25 мм
Ноҳияи Шаҳритуз	ҳарорати баланди ҳаво 23,8 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 5,2 дараҷа гарм	18 мм
Ноҳияи Данғара	ҳарорати баланди ҳаво 21,9 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 3,6 дараҷа	68 мм
Ноҳияи Фархор	ҳарорати баланди ҳаво 23,1 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 2,8 дараҷа гарм,	38 мм
Ноҳияи Ховалинг	ҳарорати баланди ҳаво 17,2 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 0,6 дараҷа хунук	56 мм
Ноҳияи Муъминобод	ҳарорати баланди ҳаво 14,6 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 0,2 дараҷа хунук	71 мм
Ноҳияи Ёвон	ҳарорати баланди ҳаво 24,8 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 4,4 дараҷа гарм	49 мм

3. ЭНЕРГЕТИКА.

3.1. Истеҳсоли қувваи барқ.

Аз рӯи маълумотҳои шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят моҳи ноябри соли ҷорӣ дар вилояти Хатлон 1160,4 миллион киловатт/соат нерӯи барқ истеҳсол карда шуд, ки ин нисбат ба моҳи гузашта 111,5 миллион киловатт/соат зиёд истеҳсол гардидааст, аз шумораи умумӣ 701,4 миллион киловатт/соат нерӯи барқ аз ҳисоби НБО-и Норак мебошад, ки 61 миллион киловатт/соат нисбати моҳи гузашта зиёд истеҳсол шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳолати паст шудани ҳарорати ҳаво, ки боиси кам ворид гардидани об ба обанбори НБО «Норак» ва паст гардидани сатҳи оби обанбори мазкур мегардад. Новобаста аз ин масъулинро зарур меояд, ки аҳолиро бо барқ таъмин намудан ҳаҷми истеҳсоли неруи барқро зиёд намояд. Дар моҳи декабри соли 2015 дар назар аст, ки аз ҳисоби нерӯгоҳҳои барқии обии ҳудуди вилоят зиёда аз 1200 миллион киловатт/соат нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад. Бинобар сабаби кам шудани сатҳи об дар обанбори НБО-и Норак аз шумораи умумии барқи истеҳсолмешуда 750 миллион киловатт/соати он аз ҳисоби НБО-и Норак истеҳсол карда хоҳад шуд.

Истеҳсоли қувваи барқ аз моҳи январи соли 2013 то моҳи ноябри соли 2015 дар вилоят (млн. кВт/соат).



3.2. Истифодаи қувваи барқ.

Тибқи маълумотҳои шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят моҳи ноябри соли 2015 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, 223,5 миллион киловатт/соат нерӯи барқро соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва аҳолии вилоят истифода бурдаанд, ки ба ҳисоби миёна дар вилоят ба 7,5 миллион киловатт/соат нерӯи барқ дар як шабонарӯз рост меояд. Ва дар назар аст, ки дар моҳи декабри соли ҷорӣ миқдори он ба 220-240 миллион киловатт/соат расад.

Миқдори миёнаи устувори истифодабарии қувваи барқ аз моҳи январи соли 2013 то моҳи ноябри соли 2015 дар вилоят (млн. кВт/соат).



3.3. Гази табиӣ ва моеъ.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар 11 моҳи соли ҷорӣ дар вилоят истихроҷи газ 2410 ҳазор метри мукаабро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 955 ҳазор метри мукааб зиёд мебошад, аз ҷумла аз кони Сурх-Симои ноҳияи Ҷалолидини Румӣ, 2262 ҳазор метри мукааб истихроҷи газ муяссар гардид, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 959 ҳазор метри мукааб зиёд мебошад ва аз кони гази табии ноҳияи Балҷувон бошад ба 148 ҳазор метри мукааб истихроҷи газ муяссар гардид, ки нисбати соли

гузашта 4 ҳазор метри мукааб кам мебошад. Ҳаҷми гази истихроҷшуда, қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Ҷ. Румиро имкон дорад. Мутаассифона, бинобар сабаби муддати тулонӣ мавҷуд набудани гази табиӣ хатҳои интиқоли газ корношоям шуда, ба таъмир ниёз доранд.

3.4. Ангишт.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ КФ “Кони ангишт”-и ноҳияи Шурообод дар моҳи ноябри соли 2015, 2700 тонна ангишт истеҳсол кард, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1700 тонна зиёд мебошад.

3.5. Сатҳи оби обанбор дар НБО «Норак»

Мувофиқи маълумотҳои шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар моҳи ноябри соли 2015 сатҳи об дар обанбори НБО-и Норак ба ҳисоби миёна 904,7 метрро ташкил дод. Дар моҳи декабри соли ҷорӣ сатҳи об дар обанбор кам шуданаш дар назар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар фасли зимистон сатҳи об дар обанбори номбурда кам шуда, истеҳсоли қувваи барқ низ кам хоҳад шуд.

4. АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ.

4.1. Хисобот оиди амнияти озуқаворӣ.

Тибқи ҳисоботҳои оморӣ бинобар сабаби қатъ гардидани роҳи оҳани вилоят аз моҳи ноябри соли 2011 то инҷониб орд ба вилоят аз хорич, ба воситаи гузаргоҳҳои гумрукии вилоят, ворид нашудааст. Воридоти гандум ва орд аз вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе ба бозорҳои вилоят тавассути нақлиёти боркашонӣ ворид мешавад. Аз ин сабаб дар моҳи декабри соли 2015 нархи орди гандум нисбати моҳи ноябр аз сабаби арзоншавии нархи сузишвори дизели (солярка) мумкин аст бетағйир монад. Нархи миёнаи як халта (50кг) орди истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон дар моҳи ноябри соли 2015, 165 сомонӣ (25,00 доллари ИМА) ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,1 фоиз ё ин ки 5 сомонӣ афзудааст.

Қайд кардан бо маврид аст, ки биринҷ дар раванди амнияти озуқаворӣ роли муҳимро мебозад. Дар 11 моҳи соли 2015 дар вилоят 1893 гектар биринҷ (шолӣ) кишт карда шуда 7925 тонна биринҷ истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 574 тонна зиёд мебошад. Айни ҳол нархи 1 халта (50кг) биринҷи истеҳсоли ватани дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 300 то 375 сомонро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ-ноябри соли ҷорӣ аз рӯи маълумотҳои гумрукӣ дар ин давра ба воситаҳои гумрукии вилоят 3307,5 тонна ба маблағи 1764,1 ҳазор доллар ИМА, маводҳои нафтӣ ворид шудааст. Нархи миёнаи воридоти маҳсулоти нафтӣ (равғанҳои молиданӣ) 4777 доллари ИМА, (32059 сомонӣ) барои 1 тонна, сузишвории дизелӣ (солярка) 493 доллар, (3352,40 сомонӣ) барои 1 тонна, гази моеъ бошад бо тавасути нақлиёти автомобили аз вилояти Суғд ворид мешавад.

4.2. Нархи орду гандум.

Орд бештар ба воситаи автомобилҳои боркашони аз бозорҳои шаҳри Душанбе, Ҳисор ва вилояти Суғд ба бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ворид мешавад. Дар моҳи ноябри

соли 2015 нархи 1 халта (50 кг) орди гандуми навъи якуми истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят 165 сомонӣ арзиш дошт.

Диаграммаи дар поён буда нархи 1кг ордро аз моҳи январи соли 2013 то моҳи ноябри соли 2015-ро нишон медиҳад.



4.3. Нархи картошка.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ арзоншавии нархи картошкаи барвақтии истеҳсоли ватанӣ дар моҳи ноябри соли ҷорӣ нисбати моҳи гузашта каму беш дида шуд. Нархи 1кг картошка дар бозорҳои вилоят аз 1,60 то 1,80 сомониро ташкил медиҳад. Бинобар сабаби ҷамоварии картошкаи ватани дар ноҳияҳои кӯҳистони тобеи ҷумҳурӣ тағйир наёфтани нархи картошка то охири моҳ дар назар аст.

Диаграммаи дар поён буда нархи 1кг картошкаро аз моҳи январи соли 2013 то моҳи ноябри соли 2015-ро нишон медиҳад.



4.4. Нархи сузишворӣ.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба 1 декабри соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 401 нуқтаҳои фуруши сузишворӣ фаъолият менамоянд. Дар моҳи ноябри соли 2015 нархи бензин дар нуқтаҳои фуруши сузишворӣ бетағйир монд. Дар моҳи ноябри соли 2015 нархи бензини тамғаи А 80 5,20 ташкил дод. Нархи сузишвории дизелӣ (солярка) нисбати моҳи гузашта 1,9 фоиз арзон шуда, 4,70 сомонӣ барои як литр ташкил медиҳад.

5. ТАНДУРУСТӢ.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ва Маркази давлатии назорати санитарию эпидемиологии вилояти Хатлон, ҳолати эпидемиологии вилоят муътадил буда, ба ҳолати 05.12.15 дар чунин вазъ қарор дорад.

- Пастшавии бемории домана.
- Пастшавии бемориҳои сирояткунандаи шадиди меъдаю рӯда.
- Пастшавии бемории исҳоли хунин.
- Пастшавии бемории брутселёз.
- Бемории кабутсулфа умуман ба қайд гирифта нашудааст.
- Пастшавии бемории сухтани (сибирская язва).
- Пастшавии бемориҳои осебдидагон аз ҳайвонҳо.
- Пастшавии бемории табби хунин.
- Пастшавии бемории сил.
- Зиёд бақайдгирии бемории зардпарвини намуди А.
- Бемории зуком умуман ба қайд гирифта нашудааст.
- Зиёд бақайдгирии бемории ҳорӣ.
- Зиёд бақайдгирии бемории табларза.

Ҷадвали ҳисоботҳои омории бемориҳои сирояткунанда дар моҳи ноябри солҳои 2014 ва 2015 дар қаламрави вилояти Хатлон

№	*Номгуи беморихо (нозология)*	*2014*	*2015*	*(+-)*
1	Бемории Домана	38	33	-5
2	Бемории шадиди меъдаю руда	8708	7817	-891
3	Исҳоли хунин	37	18	-19
4	Брутселлёз	102	88	-14
5	Кабутсулфа	0	0	0
6	Сухтани	10	1	-9
7	Осебдидагон аз ҳайвонҳо	3801	3642	-159
8	Табби хунин	14	11	-3
9	Бемории сил	1748	1703	-45
10	Зардпарвини намуди А	398	595	+197
11	Зуком	0	0	0
12	Бемории ҳорӣ	2	3	+1
13	Бемории табларза	4	5	+1

Қайд кардан зарур аст, ки моҳи декабри соли ҷорӣ нисбати моҳи ноябр хунуктар меояд. Аз баски кӯдакони то синни 18-сола ба бемориҳои сироятӣ табовар мебошанд, иммунитети онҳо заиф гашта, ба бемориҳои гуногун дучор мегарданд. Баҳри пешгирӣ бояд дар мактабу боғчаҳо, таёри ба мавсими зимистон шишабандии тирезаҳо, пушидани либосҳои мавсимӣ тавсия дода шуда, илова бар ин риоя намудани ҳарорати синфхонаҳо ҳатми мебошад. Дар ҳамбастаги бо Марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, чорабиниҳои профилактики, тақсимоти варақаҳои иттилооти оиди бемориҳои сирояткунанда, бемориҳои шадиди роҳи нафас, зуком ва дигар маводҳои таблиғоти баҳри пешгирии бемориҳо дастрас менамоянд. Инчунин мумкин аст, ки дар ин моҳ бемориҳои зардпарвин авҷ гирад. Бо ин мақсад аллалхусус дар мактабу боғчаҳо, бо оби ҷушонидашуда, толибилмон бояд таъмин бошанд, риояи ҳатмии гигиенаи шахсӣ шустани дастон бо собун тавсия карда мешавад.

Эҳтимолияти таҳдиди хатарҳо дар моҳи декабри соли 2015 ва чорабиниҳо нисбати пешгирии онҳо	
Мавҷудоти сар задани хатар	**Тавсия (маслиҳатҳо) оиди пешгирӣ**
Дар моҳи декабр мумкин аст, ки ҳангоми боридани боронҳои пай дар пай, ки сабаби пайдо шудани кулҳои сунъи, ифлосшавии об дар ҷуйҳо мегардад ва дар кишлоқҷойҳо ҳангоми истеъмоли об ва шустани мевагиҳо ва шустани дастҳо дар байни кӯдакон гулудард авҷ мегирад	Пешгирии бемориҳо ва дуруст бурдани корҳои фаҳмондадиҳи дар байни мардум ҳолати ёрии аввалияи тибби ҳангоми руй додани чунин ҳодисаҳо ва дар ҳар ҳолат ҷушонидани нушокӣ аллалхусус дар мактабу боғчаҳо, ки оби хунук истеъмол менамоянд ва мумкин аст, ки ба гулудард дучор шаванд ва барои безаргардони об дар Марказҳои обтаъминкуни шаҳру ноҳияҳо бо хлор бояд таъмин бошанду аз он истифода намоянд.
Дар моҳи декабр ҳангоми паст шудани ҳарорати гармии ҳаво мумкин аст, бемориҳои шадиди рохи нафас, гулудард ва зуком низ авҷ гирад.	Пешгирии бемориҳо ва дуруст бурдани корҳои фаҳмондадиҳи дар байни мардум аллалхусус дар мактабу боғчаҳо, корҳои ташфиқоти ҳавои даруни синфхонаҳоро доимо иваз карда шавад. Ҳангоми баланд шудани ҳарорати онҳо ҳолати ёрии аввалияи тибби расонидан лозим шавад.
Зиёдшавии муҳоҷирати меҳнати ба Тоҷикистон аз Федератсияи Руссия ҳангоми баргаштан ба хонаҳо, мумкин аст, ва аз эҳтимол дур нест, шумораи бемориҳои бо алоқаи ҷинси гузаранда ВИЧ/СПИД зиёд ба қайд гирифта шаванд ва гайраҳо	Гузаронидани чорабиниҳои профилактики ва азназаргузарони тибби дар Фурудгоҳои байналмиллали, ш.Қурғонтеппа, ш.Душанбе, сарҳадот ва Панҷи поён баромади кормандони Марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ба тариқи симою садо, маҷҷалаҳо ва рузномаҳои ватанӣ паҳн намудани варакаҳои иттилооти ҳангоми сафар ва баргаштани муҳоҷирони меҳнати дар қаламрави вилоят.
Дар моҳи декабр гирифтани осебҳо дар истеҳсолот ҳангоми корҳои сахрои дар вақти корҳои кишоварзӣ, ҷамъ намудани ғузапоя, гандумшинони, тоза кардани ҷуйборҳо дар маҳалҳо мумкин аст авҷ гирад.	Пешгири кардан ва гузаронидани корҳои омафаҳмони дар байни мардум риоя намудани техникаи бехатари бо асбобҳои кишоварзӣ хангоми корҳои сахрои мавсими таёр намудани хуроки чорво, таёр намудани хезум барои зимистон.

6. БОЛОРАВИИ ИҚТИСОДӢ.

6.1. Болоравии умумӣ.

Тибқи маълумотҳои Сарраёсати омори назди Президенти ҶумҳуриитТоҷикистон дар вилояти Хатлон дар моҳи ноябри соли 2015 вазъи иқтисодиёти вилоят дар сатҳи дурнамои пешбинишуда мӯътадил қарор дошта, дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пешравиҳо мушоҳида карда шуд.

Дар моҳҳои январ-ноябри соли 2015 корхонаҳои саноатӣ ба маблағи 3878865,5 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нарҳҳои муқоисавӣ 16,1 фоиз афзоиш ёфт.

Дар 11 моҳи соли 2015 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ин давра, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 10482,1 млн сомониро ташкил дод. Аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 7514,9 млн сомонӣ ё 2,2 фоиз зиёд мебошад, соҳаи чорводорӣ бошад 2967,1 млн сомонӣ ё 3,0 фоиз нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд шудааст.

Ҳаҷми сармоягузории сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 1259,5 млн сомонӣ истифода карда шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 100,7 фоизро ташкил дод, ки ин 26,4 млн сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин аз рӯи сохтмони объектҳои таъиноти истеҳсолӣ 506,0 млн сомонӣ ё ин, ки 40,2 фоиз, объектҳои таъиноти ғайриистеҳсолӣ 753,6 млн сомонӣ ё 59,8 фоизи ҳаҷми сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузории вилоятро ташкил медиҳад. Қисми зиёди сармоягузории асосӣ ба бахши аҳолӣ 16,6 фоиз, бахши давлатӣ 22,6 фоиз, соҳибкорони шахсӣ 16,9 фоиз,

ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд 3,6 фоиз, ҷаъмиятҳои саҳомӣ 1,4 фоиз, хорӣҷӣ 38,9 фоиз равона шудааст.

Индекси нархҳои молҳои истеъмолӣ дар моҳи ноябри соли 2015 нисбат ба моҳи гузашта 100,3 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа 100,1 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа 100,9 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 99,9 фоизро ташкил дод.

Аз аввали соли 2015 бошад нархҳои молҳои истеъмолӣ 105,8 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа 104,5 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа 108,9 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 104,9 фоизро ташкил дод.

Суръати миёнаи моҳҳонаи беқурбшавӣ дар сектори истеъмолӣ 0,5 фоизро ташкил дод (дар ҳамин давраи соли гузашта 0,7 фоиз буд).

Дар 11 моҳи соли 2015 беқурбшавии асъори миллӣ дар сектори истеъмолӣ нисбат ба декабри соли 2014, 5,8 фоизро ташкил дод. Ҳиссаи зиёди ҳадди таваррумро молҳои озуқаворӣ 4,5 фоиз, молҳои ғайриозуқаворӣ 8,8 фоиз ва хизматрасонӣ -4,9 фоиз ташкил медиҳад.

Тибқи маълумотҳои Сарраёсати молияи вилоят дар 11 моҳи соли 2015 даромади буҷети маҳаллӣ 11055647,6 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин 104 фоизи иҷроии нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

Дар ин давра гардиши савдои хориҷии вилоят 281,3 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2 фоиз ё 0,9 млн доллар зиёд мебошад.

Содироти мол дар моҳи ноябр 12,3 млн доллар ва воридоти мол 14,0 млн долларро ташкил дод. Бақияи (сальдо) гардиши савдои хориҷии вилоят -1,7 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Дар 11 моҳи соли 2015 содироти мол 104,8 млн доллар ва воридоти мол 176,5 млн доллар ташкил дод. Бақияи (сальдо) гардиши савдои хориҷии вилоят -71,7 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумотҳои фаврии шӯъбаи Бонки Миллии минтақавӣ дар ш. Қӯрғонтеппа бо мақсади рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва эҳтиёҷоти аҳолӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои хурди маблағгузории ҳудуди вилояти Хатлон аз аввали сол то 7 декабри соли 2015 аз тамоми манбаҳо ба тамоми бахшҳои иқтисодиёти вилоят дар маҷмуъ 999,1 миллион сомонӣ маблағҳои қарзӣ бонки дода шудааст, ки маблаги мазкур нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи -23,6 фоиз ё 309 миллион сомонӣ кам мебошад. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои қарзии додашуда 419,8 миллион сомонӣ (42%) ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла пахтакорӣ 48,1 миллион сомонӣ (5%), агробизнес 353,7 миллион сомонӣ (34,4%), 230,1 миллион сомонӣ (23%) ба соҳаи савдои яклухт ва чакана ва 349 миллион сомонӣ (35%) ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар соҳаҳо рост меояд. Аз ҳисоби маблаги умумии қарзи додашуда 925 миллион сомониашро маблағҳои қарзи хурди бонки ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли гузашта 299,1 миллион сомонӣ кам мебошад. Сабаби асосии коҳишёбии ҳаҷми маблағҳои қарзӣ бонки ин маҳдудияти имконоти қарздиҳии филиалҳои бонкҳои дар вилоят амалкунанда дар ин давра мебошад.

Диаграммаи дар поён буда қарзҳои додашуда аз тамоми манбаъҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти вилоятро моҳ ба моҳ аз солҳои 2012 то моҳи ноябри соли 2015-ро нишон медиҳад.



6.2. Муҳоҷирати меҳнатӣ.

Тибқи маълумотҳои Раёсати Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар моҳи ноябри соли 2015 ба воситаҳои фурудгоҳҳои байналмиллалии шаҳрҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа 2994 нафар шаҳрвандони вилоят аз ҷумҳурӣ баромадаанд, аз он ҷумла мардҳо 2680 нафар, занҳо бошад 314 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 59,6 фоизро ташкил медиҳад ё ин 2027 нафар кам мебошад (аз шумораи умумӣ). Дар ҳамин давра 7742 нафар шаҳрвандони вилоят вориди қаламрави ҷумҳурӣ гардидаанд, аз он ҷумла мардҳо 7364 нафар, занҳо бошад 378 нафар ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 78,5 фоизро ташкил медиҳад ё ин ки 2089 нафар кам мебошад.

Диаграммаи дар поён нишондодашуда муҳоҷирати меҳнатии вилоятро моҳ ба моҳ аз солҳои 2012 то моҳи ноябри соли 2015 дар бар мегирад.

6.3. Таъсиси ҷойҳои корӣ.

Дар моҳи ноябри соли 2015 ба раёсат, шуъбаҳо ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 1730 нафар бекорон барои масъалаҳои гуногун мурочиат намуданд.

Оид ба иҷрои нишондиҳандаҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар самти мусоидат ва бо кор таъмин намудани аҳолии бе шуғл, мутобиқи дархости кордиҳандагон дар моҳи ноябри соли 2015, 383 нафар бекорон бо ҷои кори доимӣ таъмин карда шуданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар моҳи ноябр соли 2015, аз тарафи раёсату шуъбаҳо ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 21 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуд, ки дар рафти баргузории онҳо 214 корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳои гуногуни вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ иштирок намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод 186 нафар ба ҷойи кор роҳхат гирифтанд, ки аз ин шумора 154 нафарашон бо ҷои кори доимӣ таъмин шуданд. Инчунин 32 нафар шаҳрвандон тавасути ярмарка ба шуғл ҷалб гардиданд. Ҳамчунин дар давоми моҳи ноябр аз ҷониби раёсату шуъбаҳо ва бахшҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 747 нафар шаҳрвандони аз сафи қувваҳои мусалаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта ва аз маҳбас озод шуда кӯмакпулӣ таъин гардида ва ба 235 нафар шаҳрвандони дар қайд буда ба маблағи умумии 70981 сомонӣ пардохт карда шудааст. Дар моҳи ноябри соли 2015 аз тарафи раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 98 нафар бекорони дар қайди мақомоти Агентӣ буда, қарзҳои имтиёзнок ки ба соҳбкори машғуланд ба маблағи 382550 сомонӣ дода шудааст, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат менамояд.

Оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолии бе шуғл яке аз самтҳои асосии тараққиёти иҷтимоии иқтисоди мебошад. Дар моҳи ноябри соли ҷори дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 4030 ҷойҳои нав ва барқарор-шудаи корӣ ба истифода дода шудаанд.

Ҷойҳои нави кории таъсисгардида ҳамаги дар ҳамин моҳ 4030 ҷойро ташкил медиҳад. ки 1945 ҷойи корӣ доимӣ, 1628 ҷойи кори мавсимӣ ва 457 ҷойи корӣ муваққатӣ мебошад. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби маблағҳои мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо дар давраи ҳисоботӣ бошад 98 ҷойро ташкил медиҳад.

Инчуни оид касбомӯзи дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар моҳи ноябр 138 нафар аз руи ихтисосҳои гуногун ба шаҳрвандони бекор бо тариқи ройгон ба касбомӯзи фаро гирифта шудаанд. Дар бораи дарёфти ҷои кор ба маълумоти шаҳрвандон расонида мешавад, ки аз сомонаи махзани миллии маълумот доир ба ҷойҳои кории холии Агентии меҳнат www.kor.tj истифода намоянд.

Ҷойҳои кории холии пешниҳод кардашудаи ташкилоту муассисаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон барои моҳи декабри соли 2015 .

№	Макомоти Агенти	Саноат	Музди мехнат	Сохтмон	Музди мехнат	кишоварзи	Музди мехнат	Наклиёт ва алока	Музди мехнат	Маориф ва фарханг	Музди мехнат	Тандурусти	Музди мехнат	Савдо ва хизмати	Музди мехнат	Манзилию Коммунали	Музди мехнат	Дигар сохахо	Музди мехнат	Хамаги
1	ш.Кургонтеппа																			**0**
2	н.Бохтар									23	576	91	490							**114**
3	н.Н.Хусрав									3	620	39	440			6	465			**48**
4	н.Вахш									12	480	116	543							**128**
5	н.Хуросон					233	320			40	600	17	357			19	300	9	450	**318**
6	н.Чиликул					3	400			12	360	17	460					3	480	**35**
7	н.Кубодиён					53	360			21	420	19	443	19	350					**112**
8	н.Ч.Руми									5	454	93	668							**98**
9	н.А.Чоми									11	597	72	460							**83**
10	н.Кумсангир	2	450			6	360	2	310	10	440	169	490					8	400	**197**
11	н.Панч	8	350	6	640	1	431			9	450	9	400	11	400			4	600	**48**
12	ш.Сарбанд									10	522	40	602							**50**
13	н.Шахритус											8	400	36	350	13	420	16	450	**73**
14	н.Ёвон	91	600			8	450			7	460	46	490	24	500	13	350	33	400	**222**
15	ш.Норак	294	450					2	458	5	450	48	450			1	712			**350**
16	н.Дангара																			**0**
17	ш.Кулоб	22	450									115	602					17	480	**154**
18	н.Восеъ	56	600							6	450	38	480					6	320	**106**
19	н.Хамадони																			**0**
20	н.Фархор	4	400	12	800			8	450	7	410	17	550			6	400	12	550	**66**
21	н.Темурмалик			5	400					5	420	14	490					8	360	**32**
22	н.Ховалинг							3	350	17	503	51	370							**71**
23	н.Муминобод	3	550							59	450	88	405					2	350	**152**
24	н.Шурообод			20	738					16	450	114	400					5	430	**155**
25	н.Балчувон									16	430	17	401							**33**
	Хамаги	**480**	**3850**	**43**	**2578**	**304**	**2321**	**15**	**1568**	**294**	**9542**	**1238**	**10391**	**90**	**1600**	**58**	**2647**	**123**	**5270**	**2645**

6.4. Мубодилаи асъор.

Мувофиқи маълумотҳои Шуъбаи Бонки Миллӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа қурби асъори миллӣ ба 1 декабри соли 2015, 6,72 сомониро нисбати 1 доллари ИМА ташкил медиҳад. Қурби миёнаи 10 рубли русӣ бошад ба 10,6 дирам асъори миллӣ рост меояд. Ба 1 ноябри соли 2015 дар 3 бозори калонтарини вилояти Хатлон (шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ноҳияи Шаҳритуз) 7,21 - 7,23 сомониро нисбати 1 доллари ИМА, 10 рубли русӣ бошад 1,06 - 1,07 сомониро ташкил дода, нисбати моҳи пешин курби доллари ИМА 1,0 фоиз афзоиш ёфтааст, рубли русӣ бетағйир мондааст. Тибқи маълумотҳои солҳои пеш дар моҳи ноябри соли ҷорӣ низ, қурби асъори миллӣ тағйир ёфтанаш дар назар аст.

Диаграммаи дар поёнбуда қурби асъори миллиро нисбат ба доллари ИМА моҳ ба моҳ аз солҳои 2013 то моҳи ноябри соли 2015 дар бар мегирад.



Диаграммаи дар поёнбуда қурби асъори миллиро нисбат ба рубли русӣ моҳ ба моҳ аз солҳои 2012 то моҳи ноябри соли 2015 дар бар мегирад.



Мақсади ҷамъоварии маълумотҳои ҳармоҳаи системаи мониторинг ва огоҳкунии қаблӣ дар вилояти Хатлон аз он иборат аст, ки маълумотҳои пешниҳоднамуда барои гузаронидани таҳлили соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ оиди иқтисодиёт, озуқа, энергетика, саноат, тандурустӣ ва пешгирии хавфи рух додани офатҳои табиӣ дар вилоят мебошад. Маълумотҳо аз рӯи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи гӯруҳи корӣ оид ба системаи минтақавии мониторинг ва огоҳкунии қаблӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда мешаванд.

Раёсати рушди иқтисод ва савдои вилояти Хатлон

Шӯъбаи минтақавии Бонки Миллии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа

Сарраёсати кишоварзии вилоят

Шуъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят

Раёсати Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолии вилоят

Раёсати тандурустии вилоят

Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят

Маркази обу ҳаво санҷии вилоят

Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании вилоят

Бахши коммуналии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят

Бахши муҳандисию мелиоративии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят

Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят.

Ҳисоботи мазкур бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид ба чоп расонида мешавад.

Маълумотҳо барои тамос:

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, куч. Ҳувайдуллоев 1 ш. Қӯрғонтеппа 735140.

Мутахассиси Системаи Минтақавии Мониторинг ва Огоҳкунии Қаблӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Эргашев Муҳаммад Сафаралиевич.

e-mail: smuhammad-89@mail.ru

Тел. 918-33-29-66

Метавонед бо ҳисобот дар сайти www.khatlon.tj **ва** untj.org **шинос шавед.**